# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 07 соли 2023 №1028 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/32

Бо мақсади амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/32 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/32 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Наврӯз Мирзозода) нусхаи фармоиши мазкурро дастраси ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ намуда, рафти иҷрои онро таъмин намояд.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдулхоликзода гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/32.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

# ҚАРОРИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «27» 07 соли 2023 №11/32 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ супорида шавад, ки қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монанд.

3.Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (Ализода Довуд) ва раёсати олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Наврӯз Мирзозода) рафти амалӣ гардонидани Қоидаҳои мазкурро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

4.Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2018, №22/4 “Дар бораи Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз эътибор соқит дониста шаванд.

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм-сарпарасти соҳа Лутфия Абдулхолиқзода гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушовара,
вазир — Раҳим Саидзода

ДУРУСТ

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/32 тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои**
**қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои қабули довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳои) «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, қоидаҳои таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ба муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ба танзим медарорад.

2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода бурда мешаванд:

**- шаҳрванди хориҷӣ** – шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро надорад ва шаҳрванди давлати хориҷиро доро мебошад.

**- шахси бешаҳрванд** – шахсе, ки мутобиқи қонунгузорӣ шаҳрвандии ягон давлатро надорад.

**- довталаб** – шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванде, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳояшро барои қабул гардидан ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

## 2.Тартиби қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд

3. Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ташкил ва гузаронидани имтиҳон ва ё озмуни қабули онҳо бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти касбӣ комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти касбӣ ректор (директор) мебошад.

4. Довталабон-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд.

5. Довталабон аз рӯйи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар зинаҳои бакалавр, мутахассис ва ҳамчунин барномаи таълимии идомаи таҳсил ва таҳсилоти дуюм бо риояи талаботи Қоидаҳои мазкур ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

6. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои интихоби муассисаи таълимӣ дар асоси риояи талаботи қонунгузорӣ метавонанд ба шаклҳои таҳсили рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ сафарбар карда шаванд.

7. Муассисаи таълимӣ танҳо бо доштани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯйи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд.

8. Муассисаи таҳсилоти касбӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

9. Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯйи равия ва ихтисосҳоеро, ки таҳсил дар онҳо ба тарзи шартномавӣ аст, эълон намояд ва теъдоди қабулро аз рӯйи равия ва ихтисосҳо барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд муайян кунад.

10. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ тибқи квотаи ҷудошуда дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин, тибқи шартнома ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тавсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

11. Шаҳрвандони хориҷие, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мебошанд, ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба курсҳои кӯтоҳмуддат, таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои такмили ихтисос) қабул карда мешаванд. Сатҳи ихтисос, ки барои дохилшавӣ ба чунин шаклҳои таҳсил зарур аст, аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тибқи талаботи мавҷудаи барномаҳои таълимӣ муайян мегардад.

12. Шаҳрвандони хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар асоси шартҳои зерин қабул карда мешаванд:

- мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ (дар ихтисоси санъат, меъморӣ ва варзиш бошад, баъд аз гузаштан аз санҷиши маҳорат аз ҷониби кафедраҳои тахассусӣ);
- дар ҳудуди ҷойҳои муқарраршудаи қабул бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқи шартномаи тарафайн бо муассисаи таҳсилоти касбӣ бо пардохти маблағи таҳсил тибқи риояи Қоидаҳои қабули мазкур.

13. Ҳаҷми маблағи таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо қарои шурои олимон муқаррар гардида, дар асоси хулосаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## 3. Тартиби баргузор намудани озмун, имтиҳон ва суҳбатҳо

14. Баргузор намудани имтиҳон ва озмун барои қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ дар шакли таҳсили рӯзона то 20

август ва барои шакли таҳсили ғоибона ва фосилавӣ то 20 декабр ба роҳ монда мешавад. Баргузор намудани имтиҳон ва ё озмунро муассисаи таълимӣ муайян менамояд.

15. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба ихтисосҳои махфӣ танҳо бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули қарори мусбати муассисаи таҳсилоти касбӣ ва комиссияи соҳавии назорати экспертӣ амалӣ мегардад.

16. Шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба хотири аз бар намудан ва эҳтироми забони давлатӣ ба курси тайёрӣ қабул гардида, баъди аз озмун гузаштан ба курси аввал интиқол дода мешаванд.

17. Фаъолияти курсҳои тайёрӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз моҳи феврал то моҳи июн ба роҳ монда мешавад.

18. Мӯҳлати қабули аризаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба курсҳои тайёрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамасола то моҳи феврал муқаррар карда мешавад.

19. Ҳадди ақали холҳои зарурӣ барои дохил шудан аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

20. Имтиҳон ва ё озмун дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои довталабони шуъбаи рӯзона аз 20 август ва барои довталабони шуъбаҳои ғоибона ва фосилавӣ аз 20 декабр шуруъ мешавад. Номгӯйи имтиҳон ва ё озмуни дохилшавиро тибқи тартиботи муқаррашуда муассисаҳои таҳсилоти касбӣ муайян менамоянд.

21. Натиҷаи имтиҳони хатми шуъбаҳои тайёрии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки ба рӯйхати расмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба сифати натиҷаи имтиҳони дохилшавӣ ҳисоб карда мешавад.

22. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартнома қабул мешаванд, бо муассисаи таълимӣ қарордод ба имзо мерасонанд, ки дар он шартҳои таҳсил, уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои тарафҳо нишон дода мешаванд.

23. Қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба ихтисосҳое, ки тайёрии махсус ва ё қобилияти эҷодиро талаб менамоянд, бо назардошти имтиҳони эҷодӣ амалӣ карда мешавад.

24. Ба донишҷӯёни хориҷие, ки тибқи бурсияҳои таҳсилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррргардида стипендия дода мешавад.

25. Ҳаҷми стипендияи шаҳрвандони хориҷие, ки дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил мекунанд, тибқи қарордод бо муассисаи таълимӣ муқаррар карда мешавад.

## 4. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таълимӣ пешниҳод менамоянд

26. Ҳуҷҷатҳое, ки довталабон ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти касбӣ пешниҳод менамоянд:

- аризаи шахсӣ бо нишондоди ихтисоси интихобшуда ва шакли таҳсил;
- ҳуҷҷати аслии таҳсилот, ки ба ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсилот баробар аст (шаҳодатномаи баробарарзишӣ оид ба таҳсилот), бо нишондоди ихтисос (дараҷа), фанҳои омӯхташуда ва натиҷаи баҳоҳо, тасдиқи тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ва ё русӣ бо тартиби муқарраргардида;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ (барои онҳое, ки ба курси 1 қабул мешаванд);
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти пурра ва инчунин маълумотномаи академӣ (ва ё диплом) дар бораи таҳсилоти олии нопурра ё диплом дар бораи таҳсилоти касбии зинаҳои гуногун (барои онҳое, ки ба курсҳои болоӣ қабул мешаванд);
- дипломи бакалавр (ва ё мутахассис) ё дипломи ба ин дараҷаи ихтисос баробар (барои онҳое, ки аз рӯйи таҳсилоти дуюм ва идомаи таҳсил қабул мешаванд);
- шаҳодатномаи намунаи муқарраршуда дар бораи бо муваффақият хатм намудани курсҳои тайёрии пеш аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ё шуъбаҳои тайёрии яке аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки ба рӯйхати расмии муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд;
- маълумотномаи тиббии намунаи муқарраршуда, ки набудани бемории аломати масъунияти бадан (СПИД)-ро шаҳодат медиҳад ва дар он қайди махсус гузошта шуда, аз тарафи идораи расмии нигаҳдории тандурустии кишвари хориҷӣ тасдиқ шудааст;
- нусхаи шиноснома бо раводид ва қайди амалкунанда (ҳангоми дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон будан),
- корти муҳоҷирӣ;
- 6 дона сурати 3х4.

27. Довталабон барои дохил шудан ба шуъбаҳои ғоибона ва фосилавӣ метавонанд дар муассисаи таҳсилоти касбӣ тариқи Он-лайн худро ба қайд гиранд ва то саршавии имтиҳон ва ё суҳбат ҳуҷҷатҳои худро тибқи талаботи банди 27-и Қоидаи мазкур ба комиссияи қабул супоранд.

28. Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба имтиҳон ва ё озмуни қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашташуда ҳисобида мешаванд.

29. Дар сурати қаноатманд набудан аз натиҷаи имтиҳон ва ё озмун довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти касбӣ бо натиҷаи суҳбаташ (агар хаттӣ бошад) дар муҳлати то 3 рӯз тариқи апеллятсия (комиссяи апеллятисонӣ бо фармоиши ректор

(директор) таъсис дода мешавад) шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав гузаронидани имтиҳон ва ё суҳбат набуда, танҳо санҷиши дурустии он мебошад ва натиҷаи он дар протокол қайд карда мешавад.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

30. Риоя ва иҷрои Қоидаҳои қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

31. Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад.